**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, доктори илмҳои
иқтисодӣ, профессор
Хушвахтзода Қ. Х.
«20» ____________ соли 2021

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200- химия (назария ва методикаи таълими химия) пешниҳод гардидааст.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи рушди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаи башардӯстонаи он ба шумор меравад, ки вазифаи асосии таълими химияро дар раванди таълим, дигаргуниҳо дар ҷамъият, илм, техника ва истеҳсолот таъмин менамояд. Асосҳои иҷтимоии хонандагон, талаботҳои таълимӣ ба донишгоҳҳо, аз ҷумла ба фанни химия, инъикоси худро дар консепсияи таълими химия ёфтаанд.

Маориф дар низоми сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа самти афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, эҳё намудани таълимоти сифатан нав, ки мӯҳтавои он сифатҳои ахлоқии инсон, тафаккур, фаъолияти зеҳнӣ ва қобилияти эҷодии ӯро бояд рушд ва такмил диҳад, зарур мебошад.

Ҳоло инсон, дар муҳите умр ба сар мебарад, ки онро асосан маводи химиявии синтетикӣ иҳота намудаанд, аз ин рӯ ба назар мерасад, ки ба зарурати донишҳои химиявӣ ҳеҷ кас шубҳае надорад. Вале чӣ хеле, ки таҷрибаҳо собит месозанд, қисмати зиёди хонандагон муҳиммияти донишҳои химиявиро дарк карда наметавонанд. Аз ин ҷост, ки солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, ки фанни химия низ ба ин гурӯҳ шомил аст, диққати махсус дода мешавад. Маҳз бо ҳамин мақсад солҳои 2020-2040 – «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ дар соҳаи маориф» эълон карда шудааст.

Химия ҳамчун илм хосиятҳои ба худ хосро доро буда, дар ташаккул ва рушди тасаввури аслии оламе, ки моро иҳота менамояд, барои хонандагон нақши муҳим мебозад. Дар робита ба ин, дар назди илми

методикаи таълими химия масъалае истодааст, ки на танҳо ба хонандагон системаи донишҳои амиқ ва мустаҳками химиявӣ, инчунин қобилияти эҷодӣ ва зеҳнии ҳар яки онҳоро ба дараҷаи баландтар рушд медиҳад.

Дар шароити кунунӣ масъалаи амалигардонии инкишофи ҳаматарафаи шахсияти хонандагон, рушди қобилияти дар амалия истифода карда тавонистани донишҳои азхуднамудаи хонандагон торафт мубрамият пайдо менамояд.

Илми педагогика ва методикаи таълими химия ба таври доимӣ дар кӯшиши дарёфти методҳо ва усулҳои таълими фан барои баланд бардоштани сифати дониши химиявии хонандагон, рушди маҳорату малакаҳои иҷрои корҳои амалӣ ва истифодаи онҳо дар ҳаёт мебошанд. Таҷрибаҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки агар омӯзгорон дар баробари дар дарсҳо, машғулиятҳо истифода бурдани усулҳои фаъоли таълим, инчунин майлу рағбати идроки хонандагонро ҷоннок накунанд, дар онҳо ваҷҳҳои омӯзиш, ҳавасмандиро ташаккул надиҳанд, ба натиҷаҳои зарурӣ соҳиб шудан хеле мушкил аст.

Ҳавасмандӣ ин ҳиссиёти баланди зеҳнӣ, муносибати системавӣ ба таҳсил, хурсандӣ, ҳайрат, талаботи ботинӣ ба донишҳои химиявӣ ва замонавӣ, майлу рағбат, талаботи мустақилона аз худ намудани донишҳо, маҳоратҳо, ташаббускорӣ ва мустақилияти маърифатӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Аз ин лиҳоз, мавзӯи пешкаш намудаи Азимова Шабнам Раҳматуллоевна рӯзмара ва муҳим ҳисобида шуда, як қатор ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсиф расонида шудааст, ба мананди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Консепсияи мактаби миллӣ», «Консепсияи тарбия», «Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва зарурати рушди фанҳои табиатшиносиро тасдиқ менамояд. Тибқи нақшаи «Стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маориф», яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат ҳисобида шуда, барои бунёди намунаи миллии бисёрзинагии таҳсилоти босифат, ҳамгироии ягонаи ҷаҳонии таҳсилот, таъмини эҳтиёҷоти инсон ва талаботи шахсият ба дарёфти донишу ҳунар ва маълумоти мутассил, тадбирҳои зарурӣ андешида шудааст.

Рисолаи Азимова Шабнам Раҳматуллоевна «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» омӯзиши ин мавзӯъ ва натиҷагириҳо аз он баҳри баланд

бардоштани сифати таълими фанҳои табиатшиносӣ, хусусан фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хеле муҳим мебошад.

Методикаи омӯзиши бузургиҳои илмӣ химия дар раванди таълими яке аз воситаҳои асосии инкишофи мустақилияти хонандагон ба ҳисоб меравад.

Дар рисолаи мазкур Азимова Шабнам Раҳматуллоевна роҳҳои дурусти «Методикаи ташаккули ваҷҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» нишон дода шудааст ва ҳаллу фасл гардидааст.

Дар муқаддима ва бахшҳои тавсифи умумии таҳқиқоти рисола интихоби мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши он асоснок карда шуд, навгониҳои илмии рисола баён ва мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян гардидаанд, инчунин асосҳои методологии он, моҳияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои асосии барои дифоъ пешниҳодшаванда, давраҳои омӯзиш баён карда шудааст.

**Ҳадафи таҳқиқот** муайян кардани шароитҳои педагогӣ ва баланд бардоштани самарабахшии таълими химия дар раванди истифодаи методикае, ки ба ташаккули ваҷҳо ва такмили ҳавасмандсозии хонандагон мусоидат менамояд, иборат аст.

**Мубрамияти мавзӯъ**:

- муҳиммияти ташаккули ваҷҳи омӯзиш дар хонандагон;
- омӯхташудагии нокифояи масъалаи ҳавасмандсозии омӯзиш дар методикаи таълими химия;
- зарурати таҳияи методикаи мушаххаси ташаккули ваҷҳҳои омӯзиши химия дар хонандагон;
- зарурати ҷорикунии методикаи ҳавасмандии хонандагон дар амалияи омӯзгор.

Мубрамияти таҳқиқот ва мавҷуд набудани заминаи кофии назариявӣ ва тарзҳои амалии татбиқи он ба интихоби мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» - сабаб шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- ваҷҳҳои самарабахши омӯзиши химия муайян ва шароитҳои ташаккули онҳо дар раванди таълими химия асоснок карда шуданд;
- имкониятҳои таълими химия дар татбиқи ташаккули ваҷҳо ва ҳавасмандӣ тибқи нишонаҳои фаъолияти эҷодии хонандагони муассисаҳои миёни умумӣ, зарурати онҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шуданд;

- имкониятҳои мазмуни маводи химиявӣ дар заминаи мазмуни эҳсосотии дарс муайян карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот:**

- вазъи омӯзиши масъалаи вачҳ ва ҳавасмандӣ дар психология ва методикаи таълими химия муайян карда шуд;
- меъёрҳои ташаккули вачҳҳои омӯзиш дар таълими химияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайян карда шуданд.
- принсипи омӯзиши мавод - муносибати бисёрзаминавӣ пешниҳод карда шуд.

**Аҳамияти амалии натичаҳои таҳқиқот:**

- методикаи ташаккул ва ташхиси вачҳҳо ва ҳавасмандии хонандагон доир ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёна таҳия карда шуд;
- усулҳои пешниҳод кардашударо дар мушаххаскунии таълими равиявӣ (дарс, лексияҳои проблемавӣ, суҳбатҳои эвристикӣ, дарсҳои омехта, тачрибаҳо) вазифаҳои гуманитарии консепсияи таълими мактабӣ корҳои беруназсинфӣ ва ғайра бомуваффақият истифода кардан мумкин аст;
- тавсияҳои методиро оид ба ташаккул ва истифодаи вачҳҳо барои боз ҳам баланд бардоштани самаранокии омӯзишро омӯзгорон метавонанд дар ҳама зинаҳои таълими химия ва дигар фанҳо истифода намоянд.

**Эътимоднокии натичаҳои диссертатсионӣ** натичаҳои таҳқиқот, консепсияи илмии ташхиси педагогӣ, муносибати системавӣ, такя намудан ба услуби таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ (эмпирикӣ), инчунин услубҳои ба ҳар як марҳала мувофиқ, иштироки бевоситаи муаллиф дар санчиши тачрибавию озмоишӣ ба сифати омӯзгор, тамоюл ба корҳои назариявӣ, тасдиқи мафҳумҳо баён гардида, мутобиқати хулосаҳои дар чараёни таҳқиқот бадастомадаро ба натичаҳои озмоиши педагогӣ таъмин менамоянд.

**Муқаррароти асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешавад:**

1. Инъикоси масъалаи ҳавасмандӣ ва вачҳҳои омӯзиш дар психология ва методикаи таълими химия ва нақши онҳо дар ташаккули шахсияти хонанда.
2. Омӯзиши маводи барои зиндагии ҳаррӯза зарур ва нақши онҳо дар фаъолсозии фаъолияти фикрии хонандагон, ташаккули вачҳҳои мусбати ботинӣ, ҳавасмандӣ ба фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.
3. Шароитҳои ташаккули вачҳҳои омӯзиш, омили муҳимми шавқмандии хонандагон ба дарсҳои химия.

4. Таҳлили натиҷаи методикаи ташаккули ваҷҳҳои омӯзиш дар мисоли курси «Муҳити зист-аз нигоҳи химик», практикуми рушддиҳанда ва санҷиши озмоишии онҳо.

Дар рисола ҳангоми такриз дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе нуқсонҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати пажуҳишоти оянда хоҳад буд.

1. Дар диссертатсия иқтибосҳои аз корҳои олимони зиёд оварда шудааст, аммо дар бисёр мавриди фикри шахсии довталаб оиди он масъала номаълум мондааст.
2. Ҳангоми нишон додани методикаи гузаштани дарсҳо ҷанбаи тарбиявии мавзӯъҳо дар баъзе ҳолатҳо аз назар дур мондааст.
3. Хуб мешуд нақши методи мантиқии аналогия дар ба вуҷуд овардани ваҷҳҳои «мусбӣ» бо мисолҳои аниқ нишон дода мешуд.
4. Таҳқиқоти муаллиф танҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи вилояти Хатлонро фаро мегирад, агар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи дигар шаҳру ноҳияҳо гузаронида мешуд, ин боз арзиши назариявию амалии рисоларо қавитар мегардонид.
5. Дар диссертатсия нуқсонҳои услубию имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасад.

Эродҳои овардашуда ҷӯзъӣ буда, ба арзиши асосии назариявию амалии рисола таъсире надоранд.

**Таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Муқаррароти асосии рисолаи диссертатсионӣ дар маводи нашрияҳои муаллиф дар шакли мақолаҳо ва фишурдаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмию амалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Шумораи умумии интишорот 12 аз инҳо 9 мақолаи илмӣ ва 3 то фишурда дар конференсияи байналмиллалӣ ба чоп расонида шудааст. Дар нашрияҳои сабти Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 мақола ба чоп расидааст.

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

Аз рӯи ҷамъбасти муҳокима хулосаи зерин қабул карда шуд:

1. Диссертатсияи Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200- химия (назария ва методикаи таълими химия) пешниҳод гардидааст, кори баанҷомрасидаи илмию таҳқиқотӣ буда, ба талаботи КАД – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва барои ҳимоя

дар Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси номбурдашуда тавсия карда мешавад.

2. Корҳои нашршуда ба дараҷаи кофӣ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Хулоса** аз ҷониби аъзои ШИМ факултети химияи ДМТ н.и.х., дотсент Холиқова Л.Р. тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи методикаи таълими химия аз 13 сентябри соли 2021, протоколи №3 тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 11 нафар иштирок карданд. Натиҷаи овоздиҳӣ:
«тарафдор» – 11 нафар;
«зид ва бетараф» – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Аъзои ШИМ – и факултети
химия ДМТ, н.и.х., дотсент Холиқова Л.Р.

Мудири кафедраи методикаи
таълими химияи Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон, номзади
илмҳои химия, дотсент Қурбонова М.З.

Маълумот барои тамос:
Суроға: ҶТ, ш. Душанбе, кӯчаи хиёбони Рӯдакӣ 17
Тел: 992(985154233);
Почтаи электронӣ: mukadas_qi75@mail.ru

Имзои Қурбонова М.З. –ро тасдиқ мекунам:

Сардори РК ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.